Ба ҳуқуқи дастнавис
УДК 809.155.0

ОДИНАЕВ САИДАҲМАД ПОЛВОНОВИЧ

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ҲАМҚОЛАБ ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ ТОҶИК

Ихтисос: 10.02.01- Забони тоҷикӣ

А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои филологӣ

Д У Ш А Н Б Е - 2 0 1 9

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ омода шудааст.

Роҳбари илмӣ:	**Маҷидов Ҳомид Маҷидович** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони адабии муосири тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Муқарризони расмӣ:	**Назарзода Сайфиддин** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, Узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири шуъбаи луғат ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон
	Кодиров Дилшод Сайдаллоевич – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара
Муассисаи пешбар:	Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Ҳимояи диссертатсия "9" январи соли 2020 соати "13" дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ баргузор мегардад (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121).

Бо матни диссертатсия ва автореферати он дар Китобхонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ www. tgpu. tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____ соли 2019 фиристода шудааст.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент **Мирзоалиева А.Ш.**

ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

Амсиласозӣ (моделирование) яке аз усулҳои пурзӯри маърифат дар ҳамаи соҳаҳои илми имрӯза дониста шудааст.Амсиласозӣ яке аз паҳлӯҳои ба таври васеъ истифодашавандаи соҳаҳо ва падидаҳои гуногуни воқеият мебошад. Шаклҳои амсиласозӣ мухталифанд ва дар доираҳои гуногуни илм, истеҳсолот, санъат ва ғайра мавриди истифода қарор мегиранд. Дар забоншиносӣ, аз ҷумла фразеология ҳамчун усул барои тадқиқи раванди ҳосилшавии воҳидҳои фразеологӣ, мавҷудияти синхронӣ ва диахронии онҳо ба кор бурда мешавад.

Истилоҳи амсила ва амсиласозӣ ба таври гуногун тафсир карда мешаванд. Дар марҳилаи барқароршавии фразеология ҳамчун илм ва ҷудо намудани фразеологизмҳо ҳамчун воҳидҳои махсуси забон масъалаи амсиласозии воҳидҳои фразеологӣ ба раванди ҳосилшавии фразеологизмҳо дахлдор буд.

Аҳамияти мавзӯи таҳқиқот. Яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносӣ дар соҳаи омӯзиши фразеология шакл ва қолабҳои сохташавии воҳидҳои фразеологӣ мебошад, ки аз нуқтаи назари забоншиносӣ аҳамияти калонро соҳиб шуда метавонад. Омӯзиши ҳаматарафаи он барои ҳалли бисёре аз масъалаҳои назариявии фразеология, аз ҷумла муносибати фразеология бо сарфу наҳв (грамматика), таърихи инкишоф, шаклгирӣ ва тағйирёбии воҳидҳои фразеологӣ кӯмак расонида метавонад.

Дарачаи омӯзиши мавзӯъ. Дар асарҳои ба масъалаҳои мухталифи фразеология бахшида шудаи бархе аз забоншиносон қайд карда мешавад, ки бисёре аз воҳидҳои фразеологӣ ба ибораҳои ҳамранг ё ҳамқолаби (серияҳои) фразеологӣ тақсим мешаванд.

Истилоҳи «серия» бори аввал аз аз тарафи забоншиноси барҷастаи шветсарӣ Шарл Балли (1865-1947) истифода бурда шудааст. Вай дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ мавҷуд будани ҷузъҳои тағйирёбандаеро, ки бо иваз шудани онҳо дар маъно ва шакли воҳидҳои фразеологӣ халали ҷиддие ба вуҷуд намеояд, қайд намудааст. Ш.Балли мавҷуд будани силсилаи воҳидҳои фразеологиеро қайд менамояд, ки аз рӯи маъно комилан фарқ мекунанд, аммо за рӯи шакл шабеҳи ҳамдигар мебошанд. Вобаста ба ин, дар доираи фразеология имконияти вуҷуд доштани серияҳои фразеологиро қайд менамояд.

Дар забоншиносии шӯравӣ оид ба ин масъала нахустин шуда академик В.В.Виноградов дар асару мақолаҳои худ изҳори ақида намудааст. Виноградов В.В. истилоҳи «серия»-ро ба маънои сислсилаи воҳидҳои фразеологие шарҳ додаст, ки бо ҳамон як ҷузъи устувор (стерженовой член) шакл гирифтаанд. Зимнан барои омӯзиши бисёре аз масъалаҳои фразеология мақолаҳои машҳури Виноградов В.В. замина гузоштанд.

Баъдан сериянокии воҳидҳои фразеологӣ дар асарҳои забоншиносон М.В.Крилов, В.П.Жуков, С.И.Ожегов кайд карда мешавад.

Л.И.Ефимов оид ба вазифаҳои услубии серияҳои фразеологӣ изҳори ақида намудааст. С.Г.Гаврин ба пайравии муаллифи зикргардида серияҳои фразеологиро гурӯҳҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ маънидод намудааст .

Оид ба мавҷудияти серияҳои фразеологӣ дар забони англисӣ Н.Н.Амосова, В.Н.Анасимова, И.С.Горелик , А.В. Кунин дар асару мақолаҳои худ ишора намудаанд.

Воҳидҳои фразеологии забони немисиро таҳлил карда истода, И.И.Чернишева фразеологизмҳои қолабиеро қайд менамояд, ки аз рӯи амсилаҳои муайян сохта шуда, сохтори якхела, вале маъноҳои мустақили луғавӣ доранд .

Истилоҳи «серияи фразеологӣ», ки дар ибтидо, аз ҷумла дар асарҳои Ш.Балли ва В.В.Виноградов ҳамчун силсилаи воҳидҳои фразеологии дорои як ҷузъи умумӣ шарҳ дода мешуд, минбаъд тафсири васеъ ва мухталифи худро меёбад.

Дар забоншиносии имрӯза барои ифодаи ин категорияи фразеологӣ истилоҳи ягона ва умумӣ муқаррар карда нашудааст. Воҳидҳои фразеологии ҳақолабро дар забоншиносии рус бо истилоҳи «серия», «гнездо», «ряд», «группа», «моделирование» дучор омадан мумкин аст. Баъзе забоншиносон воҳидҳои фразеологии ҳамқолабро вариантҳои услубӣ ва қатори синонимӣ номидаанд.Гарчанде дар дохили воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб имконияти мавҷуд будани вариант ва муродифоти фразеологӣ дида шавад ҳам, ин ҳанӯз аломати фарққунандаи онҳо шуда наметавонад. Якчанд воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар сурате ба ҳам муродиф шуда метавонанд, ки агар калимаҳои ба таркиби онҳо дохилшаванда ҳамин хосиятро дошта бошанд.

Дар мақолаҳои А.Г.Назарян, В.М.Мокиенко, Г.Г,Шумилова, Х.А.Арзикулов, Ю.А.Бурмистрович, В.П.Губарев ва дигарон оид

ба сохтор, маъно ва хусусиятҳои амсиласозии воҳидҳои фразеологӣ сухан ронда мешавад.

Дар монографияи М.В.Палевская мафҳуми модел асоси тасвири фразеологияи асри XVIII-и рус мегардад. Муаллиф мафҳуми «модел»-ро маҳз ба маънои «типии сохтории» ибораҳои устувор истифода бурда, аломатҳои грамматикӣ ва маънои онҳоро муайян менамояд.

Дар асари Ю.А.Рубинчик «Асосҳои фразеологияи забони форсӣ» боби махсусе ба масъалаи шаклгирӣ, сохтору маънои ибораҳои номии аз рӯи моделҳо сохташуда бахшида шудааст. Муаллиф ибораҳои фразеологии номии навъи «аҳли забон», «аҳли дониш», «аҳли луғат», «аҳли адаб»-ро таҳлил карда, ҷузъҳои устувори ин гуна ибораҳоро моделсоз (моделирующий) номидааст (дар ибораҳои болоӣ калимаи «аҳл» - С.О.) Ҳар як ҷузъи моделсоз бо доираи муайяни вожаҳо алоқаи маъноӣ зоҳир менамояд.

Дар забоншиносии тоҷик оид ба амсиласозии фразеологизмҳо ва воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб то кунун тадқиқотҳои муфассале ба вуҷуд наомадаанд. Бо вуҷуди ин, баъзе ишораҳоро доир ба имконияти аз рӯи қолабҳои муайян сохта шудани воҳидҳои фразеологӣ дар асару мақолаҳои забонишносони тоҷик дарёфт намудан мумкин аст.

М.Фозилов дар муқаддимаи фарҳанги фразеологии худ дар зимни муайян намудани хусусиятҳо ва аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологӣ чунин қайд менамояд: «Элементҳои ибораҳои фразеологӣ чунон сермаҳсуланд, ки дар натиҷаи ҷойивазкунӣ ва омадани онҳо бо ҳамроҳии калимаҳои дигар ибораҳои нави тамоман дигар ё андаке фарқноке пайдо гаштаанд». М.Фозилов ба имконияти дар натиҷаи иваз шудани ҷузъҳои дохилии фразеологизм ба вуҷуд омадани воҳиди тамоман нав ё «андаке фарқноки» фразеологӣ ишора намудааст.

Дар дастури таълимие, ки аз тарафи Ҳ.Маҷидов оид ба фразеологияи забони адабии ҳозираи тоҷик навишта шудааст, масъалаҳои гуногуни илми фразеологияи тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла муаллиф воҳидҳои фразеологии иқтибосии забони тоҷикиро шарҳ дода истода, қайд менамояд, ки воҳидҳои фразеологӣ на ҳама вақт дар натиҷаи рехташавии қолабҳои одии синтаксисӣ, балки дар асоси қолабҳои мавҷудаи фразеологӣ низ ба вуҷуд омада метавонанд. Қолабҳои фразеологӣ барои пайдоиш ва шаклгирии воҳидҳои нави фразеологӣ ҳамчун замина ё нусхаи

тайёри грамматикӣ ё маъноӣ хизмат мекунанд. Инчунин муаллиф дар байни вариантҳо, муродифот ва мутазодҳои фразеологӣ мавҷуд будани фразеологизмҳои ҳамқолабро таъкид менамояд.

Ҳ.Маҷидов дар мақолаи «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони тоҷикӣ» доир ба хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикию маъноии фразеологизмҳои аз рӯи як қолаб сохташуда изҳори ақида менамояд.

Фразеологизмҳои ҳамқолаб ҳамчун гурӯҳи махсуси воҳидҳои фразеологӣ бисёр масъалаҳои марбути маъно ва шакли воҳидҳои фразеологиро хеле хуб инъикос намуда метавонанд. Омӯзишу тадқиқи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб барои муайян намудани сабабҳои тағйирёбӣ, таърихи ташаккул ва роҳҳои пайдоиши фразеологизмҳо кӯмак расонида метавонад. Сабаби мавзӯи тадқиқи рисолаи номзадӣ интихоб шудани проблемаи мазкур низ ба ҳамин вобастагӣ дорад.

Мақсади таҳқиқот муайян намудани хусусиятҳои лексикию маъноӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, таркиби лексикии ҷузъҳои дохили онҳо, алоқамандии фразеологизмҳои ҳамқолаб бо гунаҳо, муродифот ва мутазодҳои фразеологӣ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот. Дар диссертатсияи мо бори аввал силсилаи фразеологизмҳои ҳамқолаб таҳқиқ шуда, қолабҳои нисбатан серистеъмоли сохташавии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нишон дода мешаванд. Ғайр аз ин, муносибатҳои лексики категорияҳои гуногуни фразеология – гунаҳо, муродифот, мутазодҳо ва воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб муайян карда мешаванд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки дастовардҳои онро дар мавридҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

1. Дар тадқиқотҳои илмӣ оид ба масъалаҳои фразеология, лексикология ва синтаксис.
2. Ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ оид ба лексикология ва фразеология.
3. Ҳангоми тартиб додани васоити таълимӣ оид ба фразеологияи тоҷик.
4. Ҳангоми хондани курсҳои махсус ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ оид ба фразеология.
5. Ҳангоми тартиб додани луғатҳои фразеологӣ.

Нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Дар диссертатсия силсилаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ҳамчун падидаи сохтории ВФ ба риштаи тадқиқ кашида мешавад.
2. Мавқеи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар байни гурӯҳҳои дигари сохтории фразеологияи забони адабии муосири тоҷикӣ муайян карда шуда, ҳамзамон нишонаҳои умумӣ ва махсуси ВФ баррасӣ карда мешаванд.
3. Таркиби лексикиву сохтории воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, хусусияти маъноии онҳо таҳқиқ карда шуда, гунанокии ВФ ва умумияту фарқияти онҳо аз фразеологизмҳои ҳамқолаб муайян карда мешавад.
4. Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо категорияҳои дигари фразеологӣ – муродифот ва мутазодоти фразеологӣ, умумият ва фарқияти онҳо мавриди тадқиқ қарор дода мешавад.
5. Дар байни ин категорияҳо муносибати мураккаби лексикию маъноӣ ба назар мерасад. Аз як тараф дар силсилаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб мо ҳам гунаҳо, ҳам муродифҳо ва ҳам мутазодҳои фразеологиро дучор омада метавонем. Аз тарафи дигар, ин категориҳои фразеологӣ бо хусусиятҳои гуногуни лексикию маъноӣ ва грамматикии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Мавод барои таҳқиқ аз осори адибони тоҷик С.Айнӣ, Ҷ.Икромӣ, М.Турсунзода, С.Улуғзода, А.Деҳотӣ, Р.Ҷалил, Ф.Ниёзӣ, Ф.Муҳаммадиев, Р.Амонов, Ю.Акобиров, М.Хоҷаев, И.Файзуллоев, А.Баҳорӣ, Сорбон, Саттор Турсун, М.Начмиддинов, Б.Насриддинов, У.Кӯҳзод, М.Бахтӣ А.Самадов, М.Пулодов, Баҳром Фирӯз, Баҳманёр, инчунин луғатҳои дуҷилдаи «Фарҳанги ибораҳои рехта» (тартибдиҳанда М.Фозилов) ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҷамъоварӣ карда шудааст.

Метод ва методологияи таҳқиқот. Усули таҳқиқи мо ғолибан тасвирӣ-системавӣ буда, аввал мулоҳиза ва дар асоси он маводи тасдиккунанда дода мешавад ё баръакс. Ҳамчунин дар мавриди таҳлили воҳидҳои фразеологӣ усули оморӣ низ истифода бурда мешавад. Мавриди тадқиқи масъалаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб мо ба назарияҳои илмии муҳаққиқон В.В.Виноградов, Ш.Балли, Н.М.Шанский, В.П.Жуков, В.Л.Архангелский, Ю.А.Бурмистрович, С.Г.Гаврин, В.П.Губарев, В.М.Мокиенко, Л.И.Ефименко, Ю.А.Рубинчик,

Н.Масъумӣ, Р.Ғаффоров, Ҳ.Маҷидов, С.В.Хушенова такя намудаем.

Тасвиби (апробатсияи) кор. Натичаҳои тадқиқоти мо дар конфронсҳои апрели илмию назариявии Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко (солҳои 1987-1989) ва филиали дар шаҳри Қӯрғонтеппа будаи ин донишкада (соли 1990), Донишкадаи омӯзгории Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (соли 1991) пешниҳод ва ҳамчунин дар 10 мақолаи чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи банашррасида дар дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудаанд

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (протоколои № 6 аз 28.01.2019) баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Сохтори диссертатсия. Тадқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима ва се боби асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашудаи илмӣ ва бадеӣ иборат аст.

МУҲТАВОИ МУХТАСАРИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** сабаби интихоби мавзӯъ асоснок карда шуда, мавзӯъ ва мақсади тадқиқот таҳлил карда шуда, принсипу усулҳои тадқиқот баррасӣ карда мешаванд. Ҳамчунин сайри таърихии забоншиносӣ оид ба мавриди тадқиқот қарор гирифтани масъалаи интихобнамудаи тадқиқоти мо, яъне воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб оварда мешавад.

Боби якум **«Мавқеи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар байни дигар гурӯҳҳои сохтории фразеологияи забони адабии муосири тоҷикӣ»** ном дошта, аз ду қисм иборат аст: 1) Нишонаҳои лингвистии воҳидҳои фразеологӣ, ки дар навбати худ ба се зербанд ҷудо карда шудааст: нишонаҳои умумии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ, нишонаҳои махсус ё идиоматикии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ, аҳамияти нишонаҳои сохторӣ дар таснифи гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ. 2) Гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва мавқеи қолабҳои фразеологӣ дар байни онҳо, ки дар навбати худ аз ду зербанд иборат аст: ҷумлаҳои фразеологӣ ва қолабҳои фразеологии онҳо, ибораҳои фразеологӣ ва қолабҳои фразеологии онҳо.

Имконияти аз рӯи сохтори воҳидҳои фразеологии мавҷудаи забон шакл гирифтани фразеологизмҳои гуногун, чи хеле ки аз сайри мухтасари адабиёти илмӣ бармеояд, ханӯз аз тарафи Шарл Балли таъкид шуда буд. Ин нишондод барои омӯзиши бисёр масъалаҳои марбути сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ замина гузошт.

Воҳидҳои фразеологӣ қабати махсуси таркиби луғавии ҳар як забонро ташкил дода, қонуниятҳои хоси шаклгирӣ ва инкишофи худро доранд. Дар забоншиносӣ сабаби пайдоишу инкишофи воҳидҳои фразеологӣ ба таври гуногун маънидод карда мешаванд. Масалан, яке аз сабабҳои асосии пайдоиши воҳидҳои фразеологӣ, ки забоншиносони зиёде онро ҷонибдорӣ менамоянд, такрори мунтазам ва дар ин замина рехташавии ибораҳои одии нутқ шуморида мешавад. Инкишофи забон ба воҳидҳои тайёри нутқ табдил ёфтани онҳоро таъмин менамояд. Аз ин сабаб дар аксари мавридҳо воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун унсурҳои тайёри забон аз тарафи соҳибони он мавриди истифода қарор мегиранд. Бисёре аз хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ маҳз аз ҳамин ҷанба манша мегиранд ва маънои яклухт, сохти устувор, ивазнашавандагии ҷузъҳои онҳо, аз як забон ба забони дигар озодона тарҷума нашуданашон онҳо ба воҳидҳои махсуси лексикаи ҳар як забон табдил медиҳад.

Воҳидҳои фразеологӣ бо воҳидҳои синтаксисӣ низ робитаи қавӣ доранд. Воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи таркиб, ибора ва ҷумлаҳои синтаксисӣ ба вуҷуд меоянд. Асоси фразеологизмҳоро қолабҳои муайяни синтаксисии забон, ки дар тӯли асрҳо шакл гирифтаанд, ташкил медиҳанд. Аз рӯи ин қолабҳои мавҷуда ҳоло ҳам гоҳо воҳидҳои фразеологии нав ба вуҷуд меоянд. Дар шаклгирии воҳидҳои фразеологӣ ва конструксияҳои синтаксисӣ ҳам ҷиҳатҳои умумии зиёдеро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар байни фразеология ва сарф (морфология) ҳам баъзе ҷиҳатҳои умумиро метавон мушоҳида кард. Воҳидҳои фразеологӣ мумкин аст, ки шаклу категорияҳои морфологӣ дошта бошанд ва гоҳо дар таркиби воҳиди фразеологӣ бо ҳамон шакли дастуриашон истифода бурда мешаванд. Масалан, дар воҳиди фразеологии **дили касеро гургон тала кардан**– ҷузъи “гургон” ҳамеша дар шакли ҷамъ истеъмол мешавад. Ин дар фразеологизмҳои **сар аз кучо, по аз кучо, ду даст дар бинӣ** ва ғайра ба назар мерасад.

Воҳидҳои фразеологӣ баръакси воҳидҳои муқаррарии синтаксисӣ як қатор хусусиятҳои фарқкунандаи худро доранд. Воҳидҳои фразеологӣ одатан таркиби мураккаб доранд ва аз пайвасти якчанд ҷузъҳо шакл мегиранд, ки маъмулан задаи алоҳида доранд, вале ҳамзамон маънои калимаҳои алоҳидаи худро нигоҳ надоштаанд: Масалан, чунин хусусиятро дар воҳидҳои фразеологии **гурги борондида, ба чашми касе хок пошидан, як сари қадам, қути лоямут, лому мим нагуфтан** ва ғайра мушоҳида намудан мумкин аст.

Воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати семантикӣ тақсимнашавандаанд, онҳо одатан маънои яклухте доранд, ки бо як калима ифода намудан мумкин аст. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии **гул-гул шукуфтан** - хурсанд шудан, **ба чашми касе хок пошидан** – фиреб кардан , **бо ҷону дил** – самимона, **даступо гум кардан** – саросема шудан ва ғайра. Яклухтмаъноии воҳидҳои фразеологиро чунин далел ҳам тасдиқ карда метавонад, ки онҳо на ҳама вақт муродифи луғавии худро дошта метавонанд. Ибораҳои рехтаи **сандуқи сина, ангушти шаҳодат, доми бало, дӯст доштан** дар шакли калимаҳои алоҳида муродиф надоранд ва бисёре аз онҳо дар забонамон ба гурӯҳи ягонаи воситаҳои ифодакунандаи ин ё он мафҳуми ҳаётӣ дохил мешаванд.

ВФ ба мисли ҳамаи воҳидҳои дигари забон хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи худро дошта метавонанд. Дар мавриди муайян намудани аломатҳои фарқкунандаи ВФ тадқиқотчиён як ақидаи умумӣ надоранд ва хусусиятҳои гуногуни онҳоро дар мадди аввал мегузоранд. Бо вуҷуди ин, дар байни нишонаҳои пешниҳодкардаи онҳо аломатҳое мавҷуданд, ки барои тамоми воҳидҳои фразеологӣ хосанд. Аломатҳои дигар бошанд моҳияти фақат гурӯҳҳои алоҳидаи воҳидҳои фразеологиро инъикос мекунанд. Бинобар ин, яке аз тадқиқотчиёни шинохтаи фразеологияи тоҷик Ҳ.Маҷидов дар алоқамандӣ ба ин масъала ба хулосае меояд, ки тамоми аломатҳои фарқкунандаи ВФ-ро ба асосӣ ва дуюмдараҷа тақсим намудан лозим аст .

Аломатҳои асосии ВФ-ро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

а) таркиби ҷузъҳо;

б) яклухтии маъно ;

в) устувории таркиби вожагонию (лексикию) сохторӣ;

г)аз байн рафтан ё хира шудани алоқаи синтаксисии ҷузъҳо;

ғ) аз нав ҳосилкунии ВФ.

Воҳидҳои фразеологӣ таркиби доимии ҷузъҳои худро доранд. Ин барои ҳамчун воҳиди мустақили забон арзи вуҷуд намудани онҳо кумак мерасонад.

Вале ин аломат ҳанӯз нишонаи мутлақи ВФ шуда наметавонад. Воҳидҳои фразеологӣ назар ба дигар воҳидҳои забон (калима) ба маънои махсусе соҳиб мегарданд, ки маънои фразеологӣ ё яклухт номида мешавад. Дар ин замина баррасии аломати дуюми ВФ – яклухтии маъно ба вуҷуд меояд. Ҳ. Маҷидов таъкид менамояд, ки ифодаи маънои яклухт яке аз аломатҳои муҳими фарққунандаи ВФ ба шумор меравад.

Яклухтии маънои ВФ - ин ягонагии маънои ҳамаи ҷузъҳои таркибии он мебошад, ки комилан аз маънои ҳар як ҷузъи дар алоҳидагӣ гирифта шуда фарқ мекунад. Масалан, агар дар воҳиди фразеологии **«гурги борондида»** ҷузъҳои алоҳидаи он *гург* – як навъ ҳайвони ваҳшӣ, *борондида* – дар зери борон мондаро ифода кунанд, пас маънои яклухти он – одами ботаҷрибаро ифода мекунанд, ки зоҳиран ба маънои ҷузъҳои он робитае надорад. Айнан ҳамин гуна хусусиятро дар ВФ-и зерин дидан мумкин аст: **бе пою қадам** – шахси бадбахтӣ оваранда; **барги сабз** – туҳфа; **кафши касеро пеш гузоштан** – пеш кардан; **ба чашми касе хок пошидан** – фиреб кардан, **шикасту рехт** – таъмир, **дӯғу даранг** – таҳдид, **нарезондаву начакконда** - айнан ва ғайра

Дигар аломати нисбатан муҳими ВФ аломати устувории онҳо мебошад. Таҳлили воҳидҳои фазеологии забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки дар қисми муайяни онҳо устувории мутлақ ба назар мерасад. Чунин воҳидҳои фразеологиро дар забони тоҷикӣ дучор омадан мумкин аст, ки устувории таркиби онҳо яке аз аломатҳои барҷастаашон мебошад. Масалан, дар қатори воҳидҳои фразеологии **саг соҳибашро намеёбад** (серодам), **қути лоямут** (хӯроки андаки ночиз), **гурги борондида** (одами ботаҷриба), **балота гирам** (қурбонат шавам, садқаат шавам) ва ғайра чунин хусусиятро мушоҳида намудан мумкин аст.

Аломати дигаре, ки аксаран тадқиқотчиёни фразеология қайд менамоянд, ин набудан ё «хирашавии» алоқаи синтаксии байни ҷузъҳои онҳо мебошад. Гарчанде зоҳиран дар байни ҷузъҳои ВФ робитаи муайяни синтаксисӣ ба назар расад ҳам ин фақат ҷиҳати зоҳирии он аст. Аломати сустшавии робитаҳои

синтаксисӣ ва дар баъзе ҳолатҳо «шахшавии» пурраи онҳо аз хусусияти ифодаи маънои яклухт ва устувории сохтори ВФ вобастагӣ дорад . Ҳар қадар ки маънои яклухт равшантар зоҳир шавад, ҳар қадар ки таркиби ҷузъҳо ва сохтори ВФ устувортар бошад, ҳамон қадар алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳо пинҳон ва ҳатто «шах шуда мемонад».

Аломати дигари муҳими ВФ аз нав ҳосилкунӣ ё таҷдиди онҳо мебошад. Хусусияти аз нав ҳосилкунӣ ҳамаи аломатҳои дигареро асоснок менамояд, ки барои калима ва воҳиди фразеологӣ хос ҳастанд: пеш аз ҳама устувории таркиби лексиксию сохтор ва яклухтии маъно. Молик будан ба маънои пешакӣ маълумбуда ин нишонаи аз нав ҳосилкунии ВФ мебошад.

Ба ҳамин тариқ, ба гурӯҳи хусусиятҳои муҳиму фарқкунандаи воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, ифодаи маънои яклухти ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда, устувории таркиби лексикӣ, аз байн рафтани алоқаҳои зиндаи синтаксисии ҷузъҳои таркибӣ ва ё то андозае хира шудани ин алоқаҳо дохил шуда метавонанд.

Профессор Ҳ.Маҷидов қайд менамояд, ки аломати фарқкунандаи ВФ бояд нишонаи фразеологӣ будани ин ё он падидаи забон бошад на хусусияти он, ки натиҷаи ин аломат мебошад. Агар аз ин нуқтаи назар аломатҳои идиоматикии ВФ баррасӣ карда шавад, пас доираи ин нишондиҳандаҳо хеле танг шуда метавонад .

Нишонаи идиоматикии ВФ пеш аз ҳама дар шакли дохилии онҳо маҳфуз аст. Дар ВФ ҳамеша воқеиятҳои муайян, рӯйдодҳои таърихӣ ё мифологӣ, ҳодисаҳои муайяни маишӣ, хурофоти динӣ ва ғайра таҷассуми худро меёбанд. Масалан, воҳиди фразеологии **кафши касеро пеш гузоштан** аслан аз он урфу одати мардуми тоҷик сарчашма гирифтааст, ки одатан кафши меҳмони муътабар ва боиззатро баъди аз хона баромадан ҳамчун нишонаи эҳтиром пеш мегузоштанд. Дар натиҷа маҷозан ҳамчун воҳиди фразеологӣ бо тобиши услубии манфӣ маънои нави касеро пеш кардан соҳиб гаштааст. Варианти дигари ибораи мазкур **кафши касеро ба пешаш мондан** аст.

Бемантиқии шакли дохилии ВФ ҳамчун аломатии идиоматикии он шуморида мешавад. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии **ба гап ҷома пӯшондан -** суханпардозӣ кардан, **гапи подарҳаво** - гапи бераб т, бемаънӣ,бемантиқ, **ду пои худро дар баҒал гирифтан, ба миёни гап лагад задан** - гапи касеро буридан,

ба миёни гапи касе даромадан, **аз як гиребон сар баровардан** - муттаҳид шудан, **сари худро ба кафи даст гирифтан** ва ғайра. Маънои аслии онҳо маълум аст ва ин сабаб воҳиди фразеологӣ «бемантиқ» ба назар мерасад. Дар ин маврид маънои фразелогии онҳо ҳамчун маънои дуюме фаҳмида мешавад, ки аз маънои аслиашон вобастагӣ надорад. Бемантиқии чунин воҳидҳои фразеологӣ ҳангоми муқоиса намудани маънои аслии онҳо бо маънои фразеологиашон зоҳир шуда метавонад

Меъёри дигари таснифи ВФ дар баробари маъно сохтори онҳо шуморида мешавад. Ба сифати воҳидҳои ҳосилшавандаи забон воҳидҳои фразеологӣ ҳамеша ҳамчун ягонагии сохторие арзи вуҷуд мекунанд, ки аз калимаҳои дорои хусусиятҳои гуногуни морфологӣ таркиб ёфта, байни ҳамдигар муносибатҳои гуногуни синтаксисиро зоҳир мекунанд.

Воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро вобаста ба сохторашон шабеҳи сохтори синтаксисии забон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудан мумкин аст:

1. Ҷумлаҳои фразеологӣ;
2. Ибораҳои фразеологӣ;
3. Таркибҳои фразеологӣ.

Баъзе аз забоншиносон ба қатори воҳидҳои фразеологӣ фақат гурӯҳи дуюмро шомил медонанд, вале ба чунин маънои танг баррасӣ намудани фразеологизмҳо нодуруст аст. Чунки гурӯҳҳои сохтории таснифшуда хусусияти аз нав ҳосилкуниро доранд ва дар рафти муошират сохта намешаванд.

Ҷумлаҳои фразеологӣ ба мисли дигар навъҳои сохторию маъноии ВФ устувор ва дорои маънои яклухт мебошанд. Ҷумлаҳои фразеологӣ бо вуҷуди он ки аз рӯи намуди зоҳирии худ аз ҷумлаҳои одии синтаксисӣ тафовути кам доранд ва дар асоси қолабҳои гуногуни онҳо ба вуҷуд омадаанд, бо сохти устувор ва маънои яклухти худ аз онҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар байни воҳидҳои фразеологии аз рӯи сохт ба ҷумла шабоҳатдошта аз рӯи маъно ду гурӯҳро ҷудо намудан мумкин аст:

1. Ба гурӯҳи аввал фразеологизмҳое шомиланд, ки ин ё он падидаи воқеиро (номинативиро) номбар мекунанд. Чунин ВФ ба вазифаи ягон аъзои ҷумла меоянд.
2. Ба гурӯҳи дуюм фразеологизмҳое дохил мешаванд, ки ҳамчун воҳиди коммуникативӣ ахбороти муайянеро интиқол медиҳад.

Ибораи фразеологӣ – ин воҳиди забонии дар шакли тайёр таҷдидшаванда мебошад, ки аз ду ва зиёда калима (ҷузъҳо) таркиб ёфта, маъно, таркиб ва сохтори устувор (доимӣ) дорад. Хусусияти асосии ибораи фразеологӣ, ки онро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ фарқ мекунонад, айнан такрор кардани он мебошад. Ибораҳои фразеологӣ ҳангоми муошират сохта намешаванд, балки ҳамчун воҳидҳои тайёри яклухт мавриди истифода қарор мегиранд. Масалан, гӯянда дар нутқ ибораҳои фразеологии **чашми касе кушода шудан, чашми дидан надоштан, алифро аз бе фарқ карда натавонистанро** ҳамчун масолеҳи тайёр истифода бурда, чун ибораҳои озоди синтаксисӣ ҳар дафъа аз рӯи зарурати муошират онро дигар намекунад.

Ибораҳои фразеологӣ зоҳиран ба ибораҳои озоди синтаксисӣ шабоҳат доранд. Онҳо низ ба мисли ибораҳои озод хусусиятҳои гуногуни грамматикиро дар худ таҷассум карда метавонанд. Пеш аз ҳама дар байни ҷузъҳои ВФ мавҷуд будани алоқаҳои гуногуни синтаксисӣ, мавҷудияти воситаҳои мухталифи грамматикии ин алоқаҳоро ташкилдиҳанда аксаран барои ташаккули ибораҳои фразеологӣ чандон мақоме надорад. Ҷиҳати зоҳирӣ ё худ сохтори синтаксисӣ ҳамчун ҷузъи сохтории ВФ фақат дар қолабҳои муайяни фразеологӣ таҷассум меёбад.

Воҳидҳои фразеологии аз рӯи сохт ба ибораҳо шабоҳатдоштаро дар навбати худ аз рӯи воситаҳои грамматикиашон ба қолабҳои зерин тақсим намудан мумкин аст:

1) *Ибораҳои изофӣ.* Дар ибораҳои фразеологии дар ин қолаб сохтшаванда ҳарду ҷузъҳои таркиби ин аз рӯйи маъно метавонанд баробарҳуқуқ бошанд. Чунин ВФ аз рӯи хусусияти лексикию грамматикии худ бештар бо исм ва сифат муродиф мебошанд. Муқоиса кунед: **гурги борондида** «ботаҷриба», **салмаи сақат** «зиёдатӣ», **барги сабз** «туҳфа», **қути лоямут** “андак, кам”, **бедарди миён** – “муфт”, **чашми танг** – “хасисӣ” ва ғайра.

Дар ибораҳои фразеологии қолаби “исм + сифат” тартиби ҷойгиршавии ҷузъҳо асосан устувор мебошад: **арши аъло** “авҷи баланд”, **оинаи ибрат** – “намуна”, **имони комил** “боварӣ”:

2) *Ибораҳои фразеологии пешояндӣ.* Дар ин гурӯҳи ВФ ҳамчун воситаи грамматикӣ пешояндҳои гуногун мавқеъ дошта метавонанд. Пешоянд ҳамчун ҷузъи ҳатмии қолаби ибораи фразеологӣ одатан бештар дар воҳидҳои фразеологии феълӣ бо қолаби “пешоянд +ҷузъи номӣ + ҷузъи асосии феълӣ” мавқеъ махсус дорад. Масалан, дар чунин воҳидҳои фразеологӣ бештар пешояндҳои зерин дучор мешаванд:

а) *пешоянди ба*: **ба даҳон қулф задан**, **ба хаёл фурӯ рафтан,**

б) *пешоянди аз:* **аз риштаву сӯзани касе огоҳ шудан, аз дил гузаронидан, аз тору пуд задан, аз шаст гаштан, аз рӯ шонаву аз таг фона**

в) *пешоянди дар:* **дар пӯст нағунҷидан,**

3) *Ибораҳои фразеологии ҳамроҳӣ:* **курта-курта гӯшт гирифтан**

Фразеологизмҳо бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ тавъам буда метавонанд. Қисми зиёди воҳидҳои фразеологӣ ба феъл ва зарф ҳамрадиф мебошанд.

Ибораҳои фразеологиро аз рӯйи мансубиятвшон ба ин ё он ҳиссаи нутқ ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудан мумкин аст:

1. **Ибораҳои фразеологии исмӣ.** Дар қатори ибораҳои фразеологии номӣ гурӯҳи нисбатан серистеъмолро ибораҳои фразеологии исмӣ ва сифатӣ ташкил медиҳанд.

2. **Ибораҳои фразеологии сифатӣ.** Ин навъи воҳидҳои фразеологӣ нисбатан камтаранд ва ба мисли ибораҳои фразеологии исмию феълӣ серистеъмол нестанд.

3. **Ибораҳои фразеологии феълӣ.** Навъи аз ҳама сермаҳсули сохторию маъноии ВФ дар забони адабии муосири тоҷик мебошанд.

Нисбат ба дигар гурӯҳҳои сохторию маъноӣ ибораҳои фразеологии феълӣ нисбатан озодонатар ҷудо карда мешаванд. Мансубияти онҳо ба гурӯҳҳои алоҳидаи воҳидҳои фразеологӣ аз нуқтаи назари грамматикӣ нисбатан равшантар зоҳир мегардад. Ин ба хусусиятҳои махсуси ҷузъи асосии онҳо, ки аксаран навъҳои гуногуни феълҳои тасрифӣ ва ғайритасрифиро дар бар мегиранд, вобастагӣ дорад.

Профессор Ҳ.Маҷидов қайд мекунад, ки ибораҳои фразеологии феълии дорои ҷузъҳои асосии феълии тасрифнашаванда барои забони муосири тоҷикӣ чандон хос нестанд. Онҳо асосан ба ҷузъи асосии масдарӣ ва сифати феълӣ зоҳир мегарданд. Масалан, ибораҳои фразеологии феълии **нархи сабзию пиёзро напурсида, начаккондаву нарезонда, лаҷоми касеро кашидан**

Аксари воҳидҳои фразеологии феълӣ ҷузъи асосии феълии тасрифшаванда доранд. Берун аз матн чунин воҳидҳои фразеологиро дар шакли умумиятёфта, яъне масдарӣ овардан мумкин аст, вале ин моҳияти феълии онҳоро гум карда наметавонад, чунки шакли масдарӣ яке аз шаклҳои мавҷудияти

онҳо мебошад. Дар забони адабии муосири тоҷик робитаи байни ҷузъҳои ин гуна воҳидҳои фразеологии феълӣ ба андозае гусаста аст, ки ҳар гуна алоқаҳои синтаксисӣ робитаи худро гум кардаанд. Ин хусусият ҳатто дар ибораҳои фразеологии феълие, ки дар матн ҷузъҳои онҳо аз ҳамдигар дур афтодаанд, нигоҳ дошта мешавад. Дар матн баъзан ҷузъи номии чунин воҳидҳои фразеологӣ ба андозае аз ҷузъи феълӣ дур меафтад, ки дар байни онҳо ҷузъҳои зиёди ғайрифразеологӣ ҷойгир шуда метавонанд. Масалан, дар воҳиди фразеологии **дил сӯхтан, обрӯи касе рехтан, риштаи умри касе канда шудан, пӯсткандаи гапро гуфтан** ва ғайра чунин хусусиятро мушоҳида намудан мумкин аст.

Воҳидҳои фразеологии феълӣ бо таркиби лексикию сохтории ҳам дуҷузъа ва ҳам бисёрҷузъа дучор шуда метавонанд. Воҳидҳои фразеологии феълии дуҷузъаи навъи ҷузъи номӣ + ҷузъи асосии феълӣ, пешоянд + ҷузъи номӣ + ҷузъи асосии феълӣ дар забони адабии муосири тоҷик нисбатан серистеъмолтар мебошанд.

Ба сифати ҷузъи номӣ дар воҳидҳои фразеологии феълии дуҷузъаи навъи ҷузъи номӣ + ҷузъи асосии феълӣ бештар исм, сифат, сифати феълӣ, зарф, нидо омада метавонад.

Намуди дуюми ибораҳои фразеологии дуҷузъаи феълӣ бо қолаби пешоянд + ҷузъи номӣ + ҷузъи асосии феълӣ ҳамчунин дар забони муосири тоҷик сермаҳсул мебошад. Дар ин қолаб бештар пешояндҳои **ба, аз, дар, бар** ва ғайра бештар дучор меоянд. Масалан, **ба рӯи касе надавидан, ба ҷома нуғунчидан, аз дил гузаронидан,дар курта нағунчидан** ва ғайра

Ибораҳои фразеологии феълии бисёрҷузъа аз ибораҳои дорои ҷузъҳои номии васеъшуда иборатанд. Ба сифати ҷузъи номӣ ибораҳои яклухт ба кор бурда мешаванд. Масалан, дар қатори воҳидҳои фразеологии феълии бисёрҷузъаи зерин чунин хусусиятро мушоҳида кардан мумкин аст: **шири модар ба даҳон омадан, ба иззати нафси касе панча задан, аз хати кашидаи касе берун набаромадан, ба лаб мӯҳри хомӯшӣ задан, сари калобаи худро гум кардан** ва ғайра.

Боби дуюм «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва хосиятҳои муҳимтарини онҳо» номида шудааст. Ин боб аз қисматҳои зерин иборат аст: 1) Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ҳамчун як навъи махсуси сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ; 2) Гунаҳои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб; 3) Омилҳои

ташаккули семантикаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикӣ.

Академик В.В.Виноградов дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ мавҷуд будани ҷузъҳои доимӣ ва ивазшавандаеро нишон дода буд. Минбаъд дар забоншиносии шӯравӣ онҳо ба таври гуногун тафсир дода шуданд. Ҷузъҳои дохили фразеологизмҳо аз нуқтаи назари хусусиятҳои маъноию грамматикӣ дараҷаи гуногуни устуворӣ зоҳир менамоянд. Дар қисми муайяни воҳидҳои фразеологӣ яке аз ҷузъҳои таркибӣ маънои умумии фразеологизмро нисбатан равшантар ифода карда метавонад. Ҷузъҳои дигар барои ҳамчун фразеологизм шакл гирифтани калимаи мазкур ёрӣ мерасонанд. Масалан, дар силсилаи воҳидҳои фразеологии **рӯи камиро надидан, рӯи асириро надидан, рӯи хориро надидан** ва ғайра ҷузъҳои *«камӣ», «асирӣ», «хорӣ»*, дар фразеологизмҳои **бӯи ҳасад омадан, бӯи дуруғ омадан, бӯи ранҷиш омадан, бӯи бидъат омадан, бӯи ҷанг омадан, бӯи некӣ омадан** ва ғайра чузъҳои *«ҳасад, «дуруг», «ранҷиш». «бидъат», «ҷанг»* дар муайян намудани маънои фразеологизм мавқеи муҳим доранд

Бо назардошти сохтору маънои воҳидҳои фразеологӣ аломатҳои зерини фразеологизмҳои ҳамқолабро муайян намудан мумкин аст:

1. Фразеологизмҳои ҳамқолаб бо тобишҳои маъноии худ аз ҳамдигар фарқ карда, на фақат муносибатҳои муродифӣ, балки маъноҳои мустақил ва баъзан антонимиро ифода карда метавонанд.
2. Чунин фразеологизмҳо аз рӯи як қолаб сохта шуда, сохтори якхелаи грамматикӣ доранд.
3. Фразеологизмҳои ҳамқолаб образҳои якхелаи фразеологӣ доранд.
4. Мавҷудияти ҷузъхои доимӣ ва ивазшаванда яке аз шартҳои муҳими ба як қолаб мутаҳид намудани воҳидҳои фразеологӣ мебошад.

Масалан, дар қолаби фразеологии «**ба аспи** чизе **савор шудан**» воҳидҳои фразеологии **ба аспи қаҳр савор шудан, ба аспи хаёл савор шудан, ба аспи мансаб савор шудан, ба аспи чӯбин савор шудан, ба аспи ҷаҳл савор шудан, ба аспи такаббур савор шудан, ба аспи ситеза савор шудан** ва ғайра сохта мешаванд.

Чи хеле ки қайд карда шуд, яке аз хусусиятҳои муҳими фразеологизмҳои ҳамқолаб – устувории сохти грамматикии онҳо мебошад. Дар забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологие, ки аз рӯи сохтор ва қолабҳои муайян сохта шудаанд, аз ибораҳо сар карда то ҷумлаҳои фразеологиро дар бар мегиранд. Бинобар ин ҳам фразеологизмҳои ҳамқолаб сохтори гуногун доранд. Агар дар баъзе аз ин қолабҳо пешояндҳо дучор гарданд, дар гурӯҳи дигар пасоянд ё дигар воситаҳои грамматикӣ мавқеи махсус доранд. Дар аксари тадқиқотҳое, ки ба амсиласозӣ ва воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бахшида шудаанд, одатан ибораҳои фразеологии дуҷузъа таҳлил карда мешаванд, ки дар онҳо яке аз калимаҳо ҷузъи доимӣ ва калимаҳои дигар ивазшаванда номида мешаванд. Бо вуҷуди ин, фразеологизмҳои ҳамқолаби забони тоҷикиро аз рӯи сохтор ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудан мумкин аст:

1. Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъа.
2. Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби серҷузъа.

Албатта, ин ду гурӯҳи ҷудокардаи мо нисбатан шартӣ мебошанд ва аз рӯ бисёре аз аломатҳои ба фразеологизмҳои ҳамқолаб хос умумияти муайяне низ доранд. Шабеҳияти аввалини онҳо ин аст, ки дар ҳар ду гурӯҳ мавҷудияти ҷузъҳои доимӣ ва ивазшаванда ба назар мерасанд.Вале хусусияти асосии фразелогозмҳои гурӯҳи аввал ин аст, ки дар онҳо образнокии ибораҳо хеле кам ба назар мерасад. Дар воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби гурӯҳи аввал бештар муносибатҳои муродифӣ ба назар мерасанд. Масалан, ибораҳои фразеологии ҳамқолаби навъи **сухани хушк, сухани ҳавоӣ, сухани подарҳаво, гапи пухта, гапи хушку холӣ, гапи пасту баланд.** Ҷузъи дуюми ин гуна ибораҳо ба маънои маҷозӣ меояд.

Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби гурӯҳи якум дар навбати худ ба ду қисм ҷудо карда мешаванд:

1. **Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъаи изофии номӣ.**
2. **Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъаи феълӣ.**

Хусусияти воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъаи изофии номӣ он аст, ки на фақат сохтори якхела, балки маънои хоси марбуте низ дошта метавонанд. Агар мо маънои луғавии ҷузъҳоро донем, пас маънои умумии фразеологизмро низ ба осонӣ дарк кард метавонем. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар забони тоҷикӣ ибораҳои фразеологии ҳамқолаби изофӣ нисбат ба дигар намудҳои фразеологизмҳо камтар дучор меоянд. Шояд

сабаб он бошад, ки дар ибораҳои фразеологии изофии номӣ имконияти маънои ин ё он ҷузъ хеле маҳдуд аст. Таърихи инкишофи зиёда аз ҳазорсолаи забони адабии тоҷик нишон медиҳад, ки дар забони адабиёти классики форсу тоҷик чунин ибораҳои ҳамқолаби изофӣ мавқеи муҳим доштанд. Ҷузъҳои қолабсоз бо гурӯҳи муайяни калимаҳо омада, ибораҳои зиёди изофӣ сохта метавонистанд. Масалан, силсилаи ибораҳои изофӣ бо ҷузъҳои қолабсози **арбоб, аҳл, асҳобро** мисол мегирем: **арбоби назар, арбоби сайф, арбоби ҷуд, арбоби ҳурмат, арбоби ҳунар, арбоби ҳоҷат, арбоби ҳол, арбоби қалам, арбоби дониш, арбоби маориф, арбоби кина, арбоби вафо ва ғайра; аҳли завқ, аҳли сайф, аҳли эҳтиёҷ, аҳли сурат, аҳли сафо, аҳли саодат, аҳли ботин, аҳли биниш, аҳли мурувват** ва ғайра; **асҳоби баҳр, асҳоби девон, асҳоби фил, асҳоби қабза, асҳоби ғараз, асҳоби атроф, асҳоби дониш, асҳоби сайф** ва ғайраҳо. Дар аксари мавридҳо ин се ҷузъ (*арбоб, аҳл, асҳоб*) байни хамдигар хусусияти муродифӣ зоҳир намуда, ҷои якдигарро гирифта метавонанд

Қисми зиёди воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъаи забони тоҷикиро фразеологизмҳои феълӣ ташкил медиҳанд. Сабаби асосии ин дар табиати аналитикии феъли забони тоҷикӣ зоҳир мегардад. Феъл ҳамчун ҷузъи воҳидҳои фразеологӣ метавонад якчанд калимаро ба худ тобеъ намояд, ё акси ин, як калима бо якчанд феъл омада метавонад. Дар натиҷаи чунин таҳаввулот ибораҳои яклухт ба феъл мубаддал шудаанд. Масалан, ибораҳои фразеологии феълӣ бо ҷузъи **дил**: **дил мондан, дил сӯхтан, дил кандан, дил бастан, дил бардоштан** ва ғайраҳо

Гурӯҳи дуюми воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб – серҷузъа зиёда аз ду калимаро дар бар гирифта, аз ҷиҳати сохтор гуногунанд. Қолабҳои нисбатан серистеъмоли фразеологизмҳои ҳамқолаби серҷузъаи забони тоҷикӣ инҳоянд:

1. ***Пешоянд + исм + изофат + ҷузъи ивазшаванда + феъли таркибӣ.***

Дар ин қолаб, пешоянд, исм, феъли таркибӣ бетағйир монда, калимаи сеюм – ҷузъи ивазшаванда воҳидҳои гуногуни фразеологиро ба вуҷуд меоварад:

а **)** ***ба аспи*** …… ***савор шудан***: **ба аспи ҷаҳл савор шудан, ба аспи хаёл савор шудан, ба аспи мансаб савор шудан, ба аспи чӯбин савор шудан, ба аспи ситеза савор шудан, ба аспи такаббур савор шудан** ва ғайра;

б) ***ба оташи … об (равган) рехтан***: **ба оташи хашм равған рехтан, ба оташи ҳисс равған рехтан, ба оташи меҳр об рехтан, ба оташи ғазаб рехтан** ва ғайра.

Қайд кардан зарур аст, ки баъзе фразеологизмҳои ҳамқолаб барои ба вуҷуд омадани воҳидҳои нав на фақат заминаи сохторӣ, балки заминаи маъноӣ низ гузошта, сабаби ба вуҷуд омадани шаклҳо ва муодилҳои гуногуни фразеологӣ гардидаанд. Масалан, дар асоси қолаби зикршуда дар асарҳои адибони тоҷик фразеологизмҳои зиёде ба кор бурда шудаанд: **ба дили касе оташ афрӯхтан, ба оташи ғазаби касе дучор омадан, байни касе оташи низоъ ва ҷанҷолро аланга додан, дар оташи қаҳру ғазаб даргирифтан, ба алангаи алам об пошидан, ба алангаи ҷанҷоли касе ҳезум партофтан, дар оташи алам сӯхтан, дар оташи хиҷолат сӯхтан, ба деги сӯзони муҳаббати касе оби сард рехтан, байни кассе оташи носозӣ фурузон гардидан, дар байни касе оташи муҳаббат даргирифтан, дар дили касе оташи қасос аланга задан, оташи рашку ҳасади касеро аланга додан, алангаи газабро фурӯ нишондан, дар вуҷуди касе оташи қаҳру ғазаб аланга задан, оташи ғазаби касе паст шудан, ба оташи ғазаби касе доман задан, оташи ғазаби худро фурӯ нишондан, дили касеро оташи ҳасад сӯхтан, дар ниҳоди касе шубҳа аланга задан** ва ғайраҳо

г) ***бо чашми*** чизе ***нигоҳ кардан (нигаристан***): **бо чашми бад нигоҳ кардан, бо чашми нафрат нигаристан, бо чашми дигар нигаристан, бо чашми харидорӣ нигоҳ кардан, бо чашми нобоварӣ нигоҳ кардан, бо чашми кам нигоҳ кардан, бо чашми ҳасрат нигоҳ кардан, бо чашми дилмондагӣ нигоҳ кардан, бо чашми ибрат нигаристан** ва ғайраҳо.

*г) **зери бори … мондан***: **зери бори шарм мондан, зери бори ҳаё мондан, зери бори хиҷолат мондан** ва ғайра.

2. ***Пешоянд + ҷузъи ивазшаванда + феъл***

Дар қолаби мазкур низ воҳидҳои зиёди фразеологӣ сохта мешаванд, аммо ин қолаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик чандон сермаҳсул нест. Дар маводи аз асарҳои гуногуни адибони тоҷик ҷамъовардаи мо танҳо фразеологизмҳои ҳамқолаби навъи **ба … фурӯ рафтан** аз рӯи ин қолаб сохта шудаанд. Дар қолаби зикргардида воҳидҳои фразеологии **ба фикр фурӯ рафтан, ба хайёл фурӯ рафтан, ба андеша фурӯ рафтан** ва ғайра сохта шудаанд:

3. ***Исм + изофат + ҷузъи ивазшаванда + феъл***

Воҳидҳои фразеологии дар ин қолаб сохташуда хусусиятҳои гуногуни лексикию грамматикӣ доранд, аз рӯи дараҷаи истеъмол ва миқдори воҳидҳои фразеологии ба ин силсила дохилшаванда аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

а) «*риштаи … (-ро) буридан*: риштаи хайёлро буридан, риштаи ошноиро буридан, риштаи суханро буридан, риштаи андешаро буридан ва шакли дигари ин қолаб риштаи ҳаёт канда шудан, риштаи умр канда шудан, риштаи сӯҳбат канда шудан ва ғайра

б) чашми (назари) …. дӯхтан: **чашми ҳасад дӯхтан, чашми умед дӯхтан, чашми ҳавас дӯхтан, чашми ҳушёр дӯхтан, чашми таъма дӯхтан, чашми таъна дӯхтан, чашми пурмеҳр дӯхтан, чашми ҳайрат дӯхтан, назари суол дӯхтан** ва ғайра

***в) ҳисоби чизеро ёфтан*: ҳисоби зиндагиро ёфтан, ҳисоби корро ёфтан**

***г) ангушти чизеро газидан:* ангушти ҳайрат газидан, ангушти пушаймонӣ газидан, ангушти ҳасрат газидан** ва ғайра:

ғ) ***рӯи чизеро надидан*: рӯи хуширо надидан, рӯи хурсандиро надидан, рӯи фарзандро надидан, рӯи беҳбудиро надидан, рӯи шодиро надидан, рӯи камиро надидан** ва ғайра

Воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ шаклҳои гуногун доранд. Агар баъзе фразеологизмҳо ҳама вақт дар як шакл истеъмол шаванд (**нарезондаю начаконда, нархи сабзию пиёзро напурсида, гули сари сабад***),* гурӯҳи дигар дар ҷараёни нутқ ба тағйироти мухталиф дучор мегарданд. Ҳамин гуногунрангии шакли лексикию грамматики воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ гунанокии (вариантнокии) фразеологизмҳо номида мешавад. Аз рӯи сохт ва маънои худ гунаҳои фразеологӣ ба фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ тақсим карда мешаванд.

Гунаҳои фразеологии фонетикӣ аз рӯи таркиби овозии ҷузъҳои дохилиашон фарқ мекунанд. Дар ин ҳолат ин ё он ҷузъи воҳиди фразеологӣ тағйиротҳои муайяни фонетикиро аз сар мегузаронад ва дар натиҷа шакли дигари ҳамон воҳиди фразеологӣ ба вуҷуд меояд. Масалан, фразеологизмҳои **ду** *пойро* **ба як мӯза андохтан – ду** *поро* **ба як мӯза андохтан**

Гунаҳои фразеологии грамматикӣ аз рӯи таркиби сарфу наҳвии ҷузъҳояшон сохта мешаванд. Вариантҳои фразеологии грамматикӣ аз рӯи категорияи шумора дар исмҳо, иваз шудани пешояндҳо, аз рӯи муносибати субъектӣ-предикативӣ, аз рӯи

категорияҳо ва хусусиятҳои грамматкии феъл аз ҳамдигар фарқ карда метавонанд: **дилу бедил – дилу бедилон, маза аз қайла гузаштан – қайларо аз маза гузаронидан**

Гунаҳои фразеологии лексикӣ аз рӯи таркиби ҷузъҳояшон тафовут доранд Ин гурӯҳи вариантҳои фразеологӣ дар натиҷаи иваз шудани ин ё он ҷузъашон фарқ мекунанд: **ду пойро ба як мӯза андохтан - ду пойро ба як мӯза қава кардан - ду пойро ба як маҳсӣ андохтан.**

Гунаҳои фразеологӣ аз асоси ибтидои худ – инвариант аз рӯи сохти грамматикии ҷузъҳои лексикии таркибашон тафовут дошта метавонанд. Нишонаи фарққунандаи гурӯҳи дигари гунаҳои фразеологӣ бо калимаҳои нав иваз шудани ҷузъҳои дохилиашон мебошад. Масалан, агар воҳиди фразеологии **аз хати кашидаи касе берун набаромадан**-ро ҳамчун варианти умумиистеъмоли забони адабии ҳозираи тоҷик қабул кунем, пас **аз хати кашидаи касе берун по нагузоштан, аз хати кашидаи касе берун қадам нагузоштан, аз хати кашидаи касе берун нарафтан, аз хати кашидаи касе сар натофтан** -ро вариантҳои он шуморидан мумкин аст

Умумияти байни воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва гунаи фразеологӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари сохтори якхелаи синтаксисӣ, дар ҳар дуи ин категорияҳои фразеологӣ як ё якчанд ҷузъ ба тағйирот дучор мегарданд.Масалан, воҳидҳои фразеологии **ғам хӯрдан, қасам хӯрдан, фиреб хӯрдан, ҳасрат хӯрдан, афсус хӯрдан, ҳасад хурдан.**

Силсилаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб маънои умумии якхеларо ифода намекунанд ва аз рӯи тобишҳои маънои худ ба он мусоидат мекунад, ки ҳар як фразеологизми ин силсила дохилшаванда ҳукуқи воҳиди фразеологии мустақилро пайдо мекунад. Чунин хусусиятро дар вариантҳои фразеологӣ мушоҳида намекунем.

Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб боз аз рӯи як хусусияти дигари худ аз гунаҳои фразеологӣ фарқ мекунанд. Чи хеле ки қайд карда шуд, аксари забоншиносон барои шаклгирии силсилаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ду намуди калимаҳо – ҷузъҳои устувор ва ивазшавандаро яке аз шартҳои муҳим мешуморанд. Фразеологизмҳои ҳамқолаб сохтори якхелаи синтаксисӣ ва таркиби лексикии ба ҳам наздик доранд. Бо роҳи тағйирёбии ҷузъҳои ивазшаванда дар ин силсила воҳидҳои нави

фразеологӣ ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин, муносибатҳои лексикии воҳидҳои фразеологии ин ё он силсила маҳз аз рӯи хусусиятҳои лексикии ҷузъҳои ивазшаванда муайян карда мешаванд. Масалан, дар силсилаи воҳидҳои фразеологии **ангушти ҳайрат газидан, ангушти пушаймонӣ газидан, ангушти ҳасрат газидан** чунин хусусиятро мушоҳида намудан мумкин аст

Дар силсилаи фразеологизмҳои ҳамқолаб маънои умумии воҳидҳои фразеологӣ аз рӯи ҷузъҳои ивазшаванда муайян карда мешавад. Ин ҷузъҳо аксаран ба маънои аслии худ (маънои озоди лексикӣ) меоянд ва вазни асосии маъноии воҳиди фразеологӣ ба онҳо меафтад. Масалан, ба маънои фразеологизмҳои зерин диққат дода, ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки ҷузъҳои ивазшаванда дар муайян намудани маънои умумӣ чи мавқее доранд: **чашми** *ҳасад* **дӯхтан, чашми** *умед* **дӯхтан, чашми** *ҳавас* **дӯхтан, чашми** *ҳайрат* **дӯхтан, чашми** *савол* **дӯхтан** ва ғайра.

Ҷузъҳои ба тағйирот дучоргардидаи гунаҳои фразеологӣ аз чунин хусусиятҳои маъноӣ маҳруманд, зеро маънои умумии воҳиди фразеологӣ на ба ҷузъҳои алоҳида, балки ба маънои яклухте вобаста аст, ки аз ҷамъи ҳамаи маънои ҷузъҳои таркиби воҳиди фразеологӣ бармеояд. Масалан, дар гунаҳои фразеологии **бо як тир ду** *нишон* **задан, бо як тир ду** *шикор* **задан, бо як тир ду** *сайд* **задан** яке аз ҷузъҳои дохили онҳо (шикор, сайд, нишон) ба вариатсия (тағйирот) дучор гардидаанд. Ин ҷузъҳо бархилофи ҷузъҳои ивазшавандаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, ба маънои аслии худ не, балки ба маънои маҷозӣ омадаанд.

Алоқамандии вариантҳо ва воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як фразеологизми ба силсилаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дохилшаванда дар навбати худ вариантҳо дошта метавонад. Масалан::*назар кардан – нигоҳ кардан – нигаристан*: **бо чашми нек** *назар кардан* **– бо чашми нек** *нигоҳ кардан* **– бо чашми нек** *нигаристан*. Ҳатто ҷузъи якуми он «чашм» низ баъзан ба вариатсия дучор шуда метавонад: ***бо*** *назари* ***нек нигоҳ кардан***

Боби сеюми рисола "Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо дигар категорияҳои фразеологӣ" ном дошта, умумият ва фарқияти фразеологизмҳои ҳамқолаб бо муродифоти фразеологӣ ва мутазодоти фразеологӣ баррасӣ карда мешавад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими маъноию услубии воҳидҳои фразеологӣ муродифоти онҳо мебошад. Дар забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологӣ на фақат бо калимаҳо (**мурғи посӯхта** – беқарор, **дасту по гум кардан** – саросема шудан, **гули сари сабад** – азиз, муътабар), балки байни ҳамдигар ҳам муносибати муродифӣ зоҳир карда метавонанд. Чунин муносибати байни воҳидҳои фразеологӣ муродифот ё синонимҳои фразеологӣ номида мешавад.

Ду ва зиёда воҳиди фразеологии аз бобати маънои фраезологӣ ба ҳам наздик ва сохти якхеладошта, ки бо обуранги бадеӣ ва мавқеи истеъмол аз ҳам фарқ мекунанд, синонимҳои фразеологӣ номида мешаванд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими муродифоти фразеологӣ – ин сохтори якхелаи онҳо мебошад. Лекин ин хусусиятро ба дараҷаи мутлақ бардоштан нодуруст аст. Дар забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологии муродифие низ вомехӯранд, ки сохтори гуногун доранд.

Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб низ чун муродифҳои фразеологӣ бо айнияти сохтори синтаксисии худ фарқ мекунанд. Масалан дар воҳидҳои фразеологии **ба аспи ҷаҳл савор шудан, ба аспи қаҳр савор шудан, ба аспи ғазаб савор шудан** на фақат умумияти сохтор, балки умумияти маъно ва таркиби лексикии ба ҳам наздики ҷузъҳо ва образҳои якхела мушоҳида карда мешавад. Ин се воҳиди фразеологӣ дар айни замон муродифи якдигар мебошанд, зеро ҷузъҳои ивазшавандаи онҳо (ҷаҳл, қаҳр, ғазаб) бо ҳам хусусияти муродифӣ зоҳир менамоянд. Аз ин ҷо чунин хусусияти воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби муродифӣ бармеояд, ки агар дигар силсилаи муродифҳои фразеологӣ дар заминаи образҳои гуногун сохта шаванд, воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби муродифӣ, баръакс образҳои якхела доранд. Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо муродифҳои фразеологӣ то андозае сахт марбутанд, ки баъзе забоншиносон фразеологизмҳои аз рӯи як қолаб сохташударо қатори синонимӣ номидаанд.

Бо вуҷуди он ки байни воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва муродифҳои фразеологӣ аломатҳои умумиро мушоҳида намудан мумкин аст, аз ҳам фарқ кардани онҳо зарур аст. Пеш аз ҳама, доираи маъноии воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб нисбат ба муродифҳои фразеологӣ васеътар аст. Масалан, дар забони тоҷикӣ ғайр аз се воҳиди фразеологии дар боло

номбурда, ки бо ҳам муносибати муродифӣ доранд, боз воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби **ба аспи хаёл савор шудан, ба аспи ситеза савор шудан, ба аспи такаббур савор шудан, ба аспи чӯбин савор шудан, ба аспи мансаб савор шудан** ва ғайра мавҷуданд, ки мо онҳоро муродифи якдигар гуфта наметавонем.

Тараккиёти силсилаи муродифҳо, пеш аз ҳама ба дигаргунии асоси образнокии фразеологизмҳо вобаста мебошад, ки ин хусусият дар айни замон раванди синонимизатсияи ибораҳои фразеологиро аз муродифоти калимаҳо фарқ мекунонад.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки нишонаи фарқкунандаро дар системаи образнокии воҳидҳои фразеологии муродифӣ ҷустуҷӯ бояд намуд. Дар воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, чи хеле ки маълум аст, системаи якхелаи образнокӣ мушоҳида карда мешавад, аммо дар муродифҳои фразеологӣ бошад, обрахои гуногун ба назар мерсанд. Масалан, ба системаи образнокии силсилаи воҳидҳои фразеологие, ки маҳуми «мурдан»-ро ифода мекунанд, таваҷҷӯҳ менамоем: **қолаб тиҳӣ кардан, аз дунё чашм пушидан, ба аспи чӯбин савор шудан, бандагиро ба ҷо овардан, қазо кардан, тосу кӯзаи зиндагиро ғундоштан** ва ғайра.

Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб на фақат образҳои якхела, балки сохтор ва маънои ба ҳам наздик доранд. Ин воҳидҳои фразеологӣ бо роҳи тағйирёбӣ ё ивазшавии яке аз ҷузъҳои таркибиашон сохта мешаванд. Аз ин сабаб, муносибати муродифӣ маҳз дар байни ҳамин ҷузъҳои ивазшаванда мушоҳида мегардад. Масалан, калимаҳои *дунё, ҷаҳон, олам* муродифи ҳамдигар мебошанд. Онҳо ҳамчун ҷузъи ивазшавандаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб барои ифодаи мафҳуми «мурдан» омада, силсилаи воҳидҳои фразеологии **аз дунё чашм пушидан, аз олам чашм пушидан, аз ҷаҳон чашм пушидан**ро ба вуҷуд меоваранд. Образҳои якхела, обуранги услубию маънои онҳо имконият медиҳад, ки дар матн ба осонӣ ба ҷои якдигар кор фармуда шаванд.

Муродифшавии фразеологизмҳо аз воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ҳам аз рӯи сохтор, ҳам аз рӯи маъно ва ҳам аз рӯи системаи образнокӣ фарқ мекунанд. Сохторҳои гуногун ва образҳои мухталиф дар муродифҳои фразеологӣ барои ифодаи маъноҳои ба ҳам наздик хизмат мекунанд. Масалан, мафҳуми «хомӯш шудан» бо воҳидҳои зерини фразеологӣ ифода шуда

метавонад: **лаб фурӯ бастан, мӯҳри хомӯшӣ бар лаб задан, ба даҳон қулфи хомӯшӣ овехтан**.

Ба ҳам зидшавии маъноҳои ҷудогонаи худи ҳамон як воҳиди фразеологӣ ё ин ки ду ва зиёда ифодаҳои рехтаи гуногун ҳодисаи мутазодҳои (антонимияи) фразеологиро ба вуҷуд меорад.

Қисми асосии мутазодҳои фразеологии забони тоҷикиро воҳидҳои фразеологие ташкил медиҳанд, ки онҳо аз ҷиҳати сохт, системаи образнокӣ гуногун буда, бо маънои яклухти худ ба ҳам муқобил гузошта мешаванд. Мисолҳои забони тоҷикӣ имконият медиҳанд, ки чунин мутазодҳои фразеологӣ аз рӯи сохтору маъно ба ду гурӯҳ тақсим карда шаванд:

1. Мутазодҳои фразеологии лексикию грамматикӣ.
2. Мутазодҳои фразеологии лексикию маъноӣ

Дар силсилаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб низ мутазодҳои фразеологиро дучор омадан мумкин аст.Агар дар воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби муродифӣ ҷузъҳои ивазшаванда муродифи ҳамдигар бошанд, пас дар фразеологизмҳои ҳамқолаби мутазодӣ ин ҷузъҳо маъноҳои ба ҳам зидро ифода мекунанд. Муносибати мутазодӣ дар чунин воҳидҳои фразеологӣ нисбатан равшантар ва барҷастатар ифода мегардад, зеро муқобилгузорӣ на фақат байни ҷузъҳои ивазшаванда, балки байни маънои яклухти воҳидҳои фразеологӣ ва системаи образноки онҳо ба вуҷуд меояд. Масалан, дар силсилаи воҳидҳои фразеологии **бо чашми нек назар кардан - бо чашми бад назар кардан, бо чашми эҳтиром назар кардан – бо чашми нафрат нигоҳ кардан, дар байни касе оташи муҳаббат даргирифтан – дар байни касе оташи носозӣ фурӯзон гардидан** ва ғайра чунин хусусиятро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар **хулосаи** кор қайд карда мешавад, ки дар воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ду намуди ҷузъҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Гурӯҳи аввали калимаҳо, ки дар силсилаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб такрор шуда меоянд, ҷузъҳои доимӣ номида мешаванд. Гурӯҳи дигар калимаҳо ҷузъҳои ивазшаванда мебошанд, ки воҳидҳои фразеологиро ба ягон силсилаи муайян муттаҳид менамоянд. Аз рӯи сохтор ва таркиби лексикии ҷузъҳо воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикиро ба воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъа ва воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби серҷузъа тақсим намудан мумкин аст. Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби гурӯҳи аввалро дар навбати худ ба воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби изофии номӣ ва воҳидҳои

фразеологии ҳамқолаби феълӣ чудо намудан мумкин аст. Қолаб – ҷавҳари сохташавии воҳидҳои нави фразеологӣ дар забон буда, яке аз омилҳои пайдоиши фразеологизмҳо мегардад. Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо дигар категорияҳои фразеология – вариантҳо, муродифхо ва мутазодҳои фразеологӣ пайвастагии хоссае доранд.

АДАБИЁТИ ИЛМИИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Авалиани Ю.Ю., Мирсаидов Ҷ. Дар бораи фарқи муродифот ва вариантҳои ибораҳои фразеологӣ/ Ю.Ю.Авалиани, Ҷ.Мирсаидов// Масъалаҳои филологияи тоҷик.- Душанбе,1967.-С.134-139
2. Балли Ш. Французская стилистика/ Ш.Балли -М.,1961.-394 с.
3. Виноградов В.В. Основные понятия русской фразеологии как лингвистической дисциплины / В.В.Виноградов// Тр. юбилейной сессии Ленинградского ун-та, Л.,1956.С.57-68
4. Виноградов В.В. Об основных типах фразеоло- гических единиц в русском языке / В.В.Виноградов// А.Н.Шахматов. АН СССР.- М.;Л.,1947.
5. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературногоа языка/ Х.Маджидов –Душанбе, 2006.- 409 с.
6. Маҷидов Ҳ. Аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ /Ҳ.Маҷидов// Масъалаҳои забони тоҷикӣ.– Душанбе,1967. – С.61-76
7. Маҷидов Ҳ. Ибораҳои фразеологии феълӣ /Ҳ.Маҷидов// Мактаби советӣ.-1967.-№ 10.- С. 45-48
8. Маҷидов Ҳ. Ҷумлаҳои фразеологӣ / Ҳ.Маҷидов// Мактаби советӣ.-1967.-№ 10.- С. 45-48
9. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик/ Ҳ.Маҷидов – Душанбе, 1982.- 104 с.
10. Мирзоева М.М.Лексическая и фразеологическая синонимия в художественных произведениях С.Айни/М.М.Мирзоева – Душанбе, 2017.- 400 с.
11. Палевская М.Ф. Основные модели фразеологических единиц со структурой словосочетания в русском языке XVIII века /М.Ф.Палевская – Кишинев, 1972. - 250с.
12. Ҷалилов Х. Муродифоти ибораҳои рехта / Х.Ҷалилов// Мактаби советӣ.- 1969, - № 6. - С. 20-22

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашршудаи зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:

а) мақолаҳо дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и ФР

1. Одинаев С.П. Сохтори воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб/С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), 1/4, 49, 2017 С. 40-45
2. Одинаев С.П. Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо мутазодоти фразеологӣ/ С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, № 1 (73), 2018, С. 114-117
3. Одинаев С.П. Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо муродифоти фразеологӣ/С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, № 2 (74), 2018, С. 125-128
4. Ибораҳои маҷозӣ ва воҳидҳои фразеологӣ дар ашъори Рӯдакӣ / С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), 1/1, 43, 2017, С. 34-38

б) мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ :

1. Одинаев С.П. Доир ба таълими қолабсозии фразеологизмҳо дар мактаб/ С.П.Одинаев// Мактаби советӣ.-1988, № 8. С-16-20.
2. Одинаев С.П. Фразеологизмҳои ҳамқолаб ва синонимҳои фразеологӣ / С.П.Одинаев// Масъалаҳои забони тоҷикӣ. Душанбе, 1991 – С. 80-85
3. Одинаев С.П. Антонимҳои фразеологӣ ва фразеологизмҳои ҳамқолаб / С.П.Одинаев// Материалҳои конфронси олимон ва мутахассисони ҷавони ҷумҳурӣ. Қӯрғонтеппа, 1991-С. 6-9.
4. Одинаев С.П. Синонимҳои фразеологӣ ва фразеологизмҳои ҳамқолаб / С.П.Одинаев// Материалҳои конфронси олимон ва мутахассисони ҷавони ҷумҳурӣ. Қӯрғонтеппа, 1991-С. 23-25.